# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Пешрафту шукуфоӣ ва тағйироту дигаргуниҳои тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бидуни самтҳои навини рушди фаъолияти зеҳнии одамон ба амал намеоянд.

Мусаллам аст, ки вазифаи марказии муассисаи таълимӣ таълиму тарбияи хонандагон ва дар ин асос рушд додани шахсияти инсон мебошад, ки ба ташкили дуруст ва самараноки раванди таълим вобастагӣ дорад.

Масъалаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон зимни рушди босуботи ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар роҳи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демократикунонии давлат ва ҷомеа собитқадамона ба пеш меравад, мубрам арзёбӣ мегардад.

Пешравиҳои ҳаёти ҷомеаи муосир ва шароити нави иҷтимоию иқтисодии истеҳсолот азнавсозии таҳсилотро, ки ба инкишофи шахсият нигаронида шудааст, тақозо менамояд.

Дар ин бобат нақши асосиро таълим мебозад. Таълим ҳамчун фаъолияти маърифатии хонанда теъдоди зиёди алоқа ва муносибатҳо, омилҳои мухталифи қоидаҳо ва хусусиятҳои гуногунро дар бар мегирад. Таълим маҷмуи амалиёт ва фаъолияти мутақобилаи омӯзгору хонандагон мебошад, ки ба мақсади омӯзиш ва азхудкунии низоми донишу маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби омӯзгор роҳбарӣ карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ишора меравад, ки «Омӯзиш фаъолиятест, ки барои ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои барои маълумоти васеъ ва фаъолияти меҳнатии минбаъда зарур нигаронида мешавад. Хонанда ҳар қадар фаъолона донишҳоро аз худ кунад, ҳамон андоза маҳорат ва малакаҳоро фаъолона ба даст меорад". Яъне, фарогирии донишҳо кори зеҳни хонандаро фаъол мегардонад.

Ана аз ҳамин нуқтаи назар диссертатсияи илмии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии

ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» аз муҳимтарин мавзуъҳо барои замони муосир ба ҳисоб рафта, проблемаҳои ҷойдошта ошкор ва то ҳаде роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст.

Азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ маротибаи аввал маҳз дар заминаи таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ, аз ҷумла забону адабиёти тоҷик, таърих ва ҳуқуқи инсон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Асосҳои назариявии ташкили раванди педагогӣ оид ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон, хусусиятҳои назариявию дидактикии онҳо, инкишофи тамоилҳои имконпазири хонандагон, проблемаҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар амалияи таълим, робитаи байнифаннӣ ва мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар ҷараёни дарсҳо аз масъалаҳоеанд, ки дар диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудаанд. Таҳқиқи чунин проблема, ошкорсозии мушкилоту роҳҳои ҳали он ва дар ин замина пешниҳоди нуктаи назарҳои нав мубрамии мавзуъро ифода мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ-дидактикӣ ва амалии он баррасӣ ва коркард шуданд. Модели нави «Барномаи ташаккули мафҳумҳо», ки хусусиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва асосии силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятиро инъикос ва барои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад, таҳия карда шудааст. Дар ин замина шароити мусоидаткунандаи омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон пешниҳод гардидааст.

Аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ проблемаи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон ва роҳҳои ҳалли он асоснок карда шуданд.

Ниҳоят, самаранокии истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим, роҳу методҳои фаъол ва интерактивии таълим дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудаанд, собит гардидааст.

Дар қисми асосии диссертатсия муқаддима, ки дар он муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, мақсад,

объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқаррар гардидаанд. Инчунин, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд.

Дар чор боби рисолаи илмӣ атрофи масъалаҳои муҳим баҳсу таҳлилҳои асоснок рафта, аз рӯйи ҳар кадоми он хулосаҳои ҷамъбастӣ бароварда шудаанд.

Инак, дар боби якуми диссертатсия оид ба хусусиятҳои назариявию дидактикию ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ҳамчун омили муайянкунандаи нақш ва махсусиятҳои раванди таълим, инкишофи тамоилҳои имконпазири хонандагон дар шароити таҳсилоти муосир ва ғайра андеша рафта, он бо хулосаҳои зарурӣ ҷамъбаст шудааст.

Дар робита ба ин, муҳаққиқ бо мақсади илман асоснок намудани мавзуъ ва таҳқиқи проблема аз адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, ақидаю назария ва таҷрибаи олимони ватанию хориҷӣ истифода бурдааст. Дар рафти таҳқиқот кӯшидааст, ки сабабу омилҳои мушкилотро ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

Дар боби дуюм масъалаҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар амалияи таълим, махсусан, банақшагирӣ, мазмун ва методикаи машғулиятҳои гуногун, намудҳои таълим ва фаъолнокии маърифатии хонандагон, робитаи байнифаннӣ ва мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ дар таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ба баррасӣ гирифта шудааст. Ин ҷо муҳаққиқ оид ба таҳлили нақшаҳои дарс, ташкили дарсҳо, сифати баргузории онҳо, мушкилиҳо дар самти инкишофи зеҳни хонандагон, мураттабсозии донишҳо ва истифодаи усулҳои таълим ибрози ақида намуда, масъалаҳои зикршударо ташвишовар баён менамояд. Дар баробари ошкор сохтани сабабу омилҳои мавҷуда дар ин самт роҳу воситаҳои аз байн бурдани онҳоро низ далелнок нишон додааст.

Мазмуну муҳтавои боби сеюмро асосҳои дидактикии ташаккули мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ дар хонандагон, минҷумла масъалаҳои асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳо, хусусиятҳои омӯзиши онҳо, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълим ва аҳаммияти маърифатии қонунҳои илмии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар

ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон инъикос мекунад.

Диссертант Носиров С.Ш. дар асоси натиҷаҳои озмоишу мушоҳидаҳо, таҳлили дарсҳо ва ниёзмандии омӯзгорону расонидани ёрии методӣ ба онҳо, инчунин, баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалӣ ва доираи ҷаҳонбинии илмии хонандагон «Барномаи ташаккули мафҳумҳо» таҳия намуда, барои истифода қарор додааст. Барнома аз марҳилаҳои омӯзиш ва талаботи зарурӣ иборат буда, ба андешаи муҳаққиқ, риояи онҳо дар ҷараёни таълим фаъолияти босамари субъектони асосии раванди педагогиро таъмин месозад. Инро як дастоварди муҳим дар илми педагогикаи тоҷик ҳисобидан мумкин аст.

Боби чоруми рисола, ҳамчун боби ҷамъбастӣ масъалаҳои таҳқиқоти озмоишии роҳу усулҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон фаро гирифта, дар он аҳаммиятнокии шаклҳои гуногуни ташкили таълим, системаи дарсҳо ва самаранокии озмоишҳои таълимӣ дар азхудкунии дониш ва рушди салоҳиятҳои зеҳнӣ собит шудааст.

Дар ин ҷо диққати асосӣ ба шаклҳои гуногуни ташкили таълим дода шудааст, ки муаллиф аз тамоман кам доир намудани онҳо аз ҷониби омӯзгорон изҳори нигаронӣ кардааст.

Нигаронии ӯ аз натиҷаи озмоишҳост, ки фаъолияти маърифатии хатмкунандагонро қаноатмандкунанда нишон надоданд ва як сабаби инро ба доир накардани шаклҳои ташкили таълим нисбат медиҳад.

Дарвоқеъ, диссертант Носиров С.Ш. дар қисмати “Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал” бо таваҷҷуҳ ба ин масъала менигорад, ки дар доираи ташкили дарсҳои ҷамъбастӣ, семинару конфронсҳои таълимӣ ва дигар шаклҳои гуногуни ташкили таълим масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон ба нақша гирифта шавад. Илова бар ин, дар раванди тадрис истифода бурдани шаклу методҳои инноватсионӣ, интерактивии таълим ва проблемавӣ-ҷустуҷӯиро, ки талаботи дарси муосир аст, тавсия додааст.

Хуллас, диссертатсия ва автореферати он дар сатҳи баланд таҳия шудааст. Танҳо ҳаминро бояд гуфт, ки дар баъзе ҷумлаҳои мураккаб хатоҳои имлоӣ ва услубӣ эҳсос мешаванд, киислоҳи онҳо аз манфиат орӣ нест.

Дар маҷмуъ, рисола ҳамчун як пажӯҳиши хуби илмӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, автореферат ва маводи ба чоп расонидаи довталаб музмуну муҳтавои таҳқиқотро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Диссертатсияи илмии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.


Муқарриз:
Д. и. п., профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов Латифзода Д.Н.

**Суроға:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ш. Ҳусейнзода, 155
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Т. Сатторов
Тел.: (+992) 907 07 02 44
E-mail: dilovarl@mail.ru


Имзои Д. Латифзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
Консерваторияи миллии Тоҷикистон
ба номи Т. Сатторов Тошов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО

“19” 05 2025 с.